109286 - Ҳарвала (тез роҳ гаштан, навъе аз ҳаракат байни роҳ рафтан ва давидан) барои занон дар тавоф ва саъй машрӯъ намебошад

савол

Оё зан дар тавоф ва ҳамчунин дар саъй миёни Сафо ва Марва, байни ду аломати сабз, мисли мард ҳарвала мекунад?

Ҷавоби муфассал

"Ибни Мунзир гуфтааст: Аҳли илм бар ин иттифоқанд, ки барои занон на дар гирди Каъба рамал (қадамҳоро наздик-наздик гузошта, босуръат роҳ рафтан) машрӯъ аст ва на миёни Сафо ва Марва. Ҳамчунин бар онҳо изтибоъ (кушодани китфи рост дар тавофи умра ва қудум) низ муқаррар нашудааст. Зеро асли ин амалҳо ба намоиши нерӯ ва ҷасорат рабт дорад, ки дар ҳоле ки чунин мақсад нисбат ба занон пешбинӣ нашудааст. Илова бар ин, барои занон риояи пӯшиш ва ҳифзи ҳиҷоб таъкид шудааст, дар сурате ки дар рамал ва изтибоъ эҳтимоли кушода шудани бадан вуҷуд дорад.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Аллаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз ... Шайх Абдурраззоқ Афифӣ ... Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён ... Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнати-д-доимати ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (11/226, 227).